*Лоиҳаи*
Замимаи №1
Ба Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» ________ соли 2015
№ ___________

# СТРАТЕГИЯИ РУШДИ СОҲАИ ҶАНГАЛ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2030

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Стратегияи рушди соҳаи ҷангал барои солҳои 2016-2030 (минбаъд - Стратегия) ба рушди босуботи соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини мувозинати экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии вазифаҳои ҷангал, ки амалӣ гардонидани он дар ҳалли ҷанбаҳои асосии таҷдиди хоҷагии ҷангали Тоҷикистон мусоидат намуда, мутобиқ ба афзалиятҳои асосии Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва ҳамчунин Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 мебошад, равона гардидааст.

2. Стратегия ба меъёрҳои Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, мақсад, афзалият ва чораҳоро барои таҷдид ва рушди соҳаи ҷангал муайян менамояд.

3. Соҳаи ҷангал қисми иқтисодиёти мамлакат, алахусус иқтисодиёти сабз буда, маҷмӯи чораҳои идоракунӣ ва назорати соҳаи мазкур, қисмати аввалин (истеҳсолот) ва дуюмдараҷа (коркарди маҳсулоти ҷангал, хизматрасониҳои рекреатсионӣ) бахши хоҷагӣ, соҳаи амалисозии вазифаҳои хоҷагидории давлат (бахши давлатӣ), ширкатҳо ва хоҷагиҳои ҳавлигӣ (бахши хусусӣ), яъне маҷмӯи тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар соҳаи ҷангал ҷалбшударо ро дар бар мегирад.

4. Мутобиқи моддаи 1 Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷангал дар ҳаёти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши сетарафаро иҷро менамояд. Аз як тараф, ҷангал қисми асосии таркибии муҳити зисти инсон ба ҳисоб рафта, ба иқлим, мавҷудияти об ва ҳавои тоза таъсир мерасонад, заминҳои хоҷагии қишлоқро муҳофизат менамояд, ҷои барҳавои зист ва истироҳатро барои одамон таъмин менамояд, гуногунии табиати зиндаро нигоҳ медорад (*нақши экологии ҷангал*). Аз тарафи дигар ҷангал - манбаи бисёре аз захираҳои моддӣ мебошад, ки аҳолии ҷумҳурӣ бе онҳо наметавонад илоҷе дошта бошад – чӯб барои сохтмон, истеҳсоли мебел, ҳезум, растаниҳои доруворию ғизогӣ ва ғайра *(нақши иқтисодии ҷангал)*. Аз тарафи дигар ҷангал - ин қисми муҳити таърихиву мадание мебошад, ки зери таъсири он маданият ва расму оинҳои халқи тоҷик ташаккул ёфтааст, манбаи ҷои кор, мустақилият ва некӯаҳволии

моддии қисми зиёди аҳолӣ, хусусан онҳое, ки дар деҳот зиндагонӣ мекунанд (*нақши иҷтимоии ҷангал*).

5. Айни замон масоҳати заминҳои ҷангалпуши Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 3%-ро ташкил медиҳад. Дар давоми сад соли охир масоҳати ҷангалҳои ҷумҳурӣ бо тарзи фалокатовар бинобар азхудкунии заминҳо барои мақсадҳои кишоварзӣ ва буридани бераҳмона дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ кам гардидааст. Олами дарахту буттаҳои (дендрафлора) ҷангалзорҳои табиӣ ниҳолдор зиёда аз 268 намуди дарахту буттаҳоро дар бар мегирад, ки аз онҳо қариб 30 намуд ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд. Аз ¾ ҳиссаи гуногунии биологии мамлакат дар ҷангалҳо ҷойгир мебошад, дар экосистемаҳои ҷангал зиёда аз 22 намуди растаниҳои шифобахш мерӯянд. Дар натиҷаи таъсири омилҳои антропогенӣ ва тағирёбии иқлим, гуногунии биологии олами наботот инчунин дар зери хатар қарор дорад. Дар зери хатари аз байн рафтан чунин дарахту буттаҳо ба монанди Бодоми Вавилов, сафедор, ноки Кайон, Бодоми хордор (қарабодом), анори худруй, анҷир, кафолак, санавбари шарқӣ, челон, хурмои ёбоӣ, сангдарахти кавказӣ қарор дорад.

6. Дар ҳудуд ва дар наздикии мавқеъи ҷойгиршавии ҷангалҳо қариб 70% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунад. Ҳамаи ҷангалҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои муҳофизати заминӣ, зиддибодлес ва нигоҳдории обро иҷро менамоянд ва барои соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва энергетикаи мамлакат аҳамияти калон доранд. Соҳаи ҷангали Тоҷикистон солона то 10000 нафар одамонро бо ҷои корӣ таъмин менамояд, аз 1/2 қисми хонавода дар мамлакат ҳезумро ба сифати сӯзишвории асосӣ барои тайёр кардани хӯрока ва гарм кардани хонаҳо истифода менамоянд. Аз хизматрасониҳои экосистемавӣ ва маҳсулоти иловагии ҷангал дар Тоҷикистон соли 2013 қариб 6 млн. сомонӣ даромад гирифта шуд. Ҷангалҳои ҷумҳурӣ ҳар сол ба андозаи 1200 тонна писта, то 200 тонна хуч, 1,5 тонна ангат, 13 тонна асал, зиёда аз 122 тонна чормағз, 15 тонна бодом, зиёда аз 600 кг зира ва ғайра маҳсулот медиҳад, ки аз он ҳам аҳолии маҳаллӣ ва ҳам хоҷагиҳои давлатии ҷангал фоида мебаранд. Дар экосистемаҳои ҷангал истироҳатгоҳҳои бисёр ва чашмаҳои табобатӣ ҷойгиранд, шумораи сайёҳони маҳаллӣ бештар сокинони шаҳрҳо, ки аз хизматрасонии экосистемавии ҷангал истифода мебаранд, сол аз сол меафзояд. Вале, иқтидор ва имкониятҳои имрӯзаи ҷангал наметавонад талаботҳои аҳолии маҳаллиро аз ҷумла ба ҳезум пурра қонеъ гардонад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои ислоҳот ва рушди соҳаи ҷангал

7. Мақсадҳои асосии Стратегия иборат аст аз:
- нигаҳдории гуногунии биологии ҷангал, нигаҳдорӣ ва барқароркунии ҷангалҳо, зиёд намудани масоҳат ва маҳсулнокии онҳо;
- беҳтар намудани сифат ва миқдори хизматрасониҳои экосистемавии пешниҳодшаванда дар шароити тағирёбии иқлим;

- мусоидат ба рушди иқтисодиёт бо роҳи ҷалби соҳибкорон ба соҳаи ҷангал ва баланд бардоштани самаранокии пешбурди хоҷагии ҷангал;
- баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ бо роҳи ҷалби онҳо ба пешбурди хоҷагии ҷангал ва таъминот бо маҳсулоти ҷангал, ки дар истифодабарии устувори ҷангал асос ёфтааст;
- тақвият бахшидани иштироки ҷамъияти шаҳрвандӣ, аз ҷумла занон дар масъалаҳои сиёсати соҳаи ҷангал дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ;
- пурзӯр намудани нақши ҷангалҳои Ҷумҳурии Точикистон дар иҷроиши ӯҳдадориҳои байналхалқӣ ва барномаҳои умумиҷаҳонӣ оиди рушди устувори ҷангалҳо, нармкунӣ ва мутобиқгардонӣ ба тағирёбии иқлим.

8. Индикаторҳои ноил шудан ба мақсадҳои нишон додашуда инҳоянд:
- популятсияи мӯътадили намудҳои асосии растаниҳо ва ҳайвонот дар ҷангалҳои кишвар;
- бунёди 10 ҳазор гектар ҷангалҳои нав, ки ба маҳал дар шароитҳои тағирёбии иқлим мутобиқ шудаанд;
- ду баробар зиёд намудани маҳсулнокии ҷангалҳо;
- дар 30%-и ҳудуди ҷангалҳо чорвочаронӣ умуман қатъ шудааст;
- зиёдшавии қонеъгардонии талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чӯби корӣ аз 0,05% то 2%;
- ду баробар зиёд намудани даромаднокии хоҷагиҳои ҷангали давлатӣ;
- зиёд намудани шумораи соҳибкорони дар соҳаи ҷангал фаъолияткунанда аз 25 то 100 нафар;
- зиёд намудани шумораи хонаводаҳои дар соҳаи ҷангал фаъолияткунанда дар доираи шартномаҳо оид ба идоракунии муштараки хоҷагии ҷангал аз 721 хонаводаи амалкунанда то 3,5 ҳазор
- шӯроҳои назоратӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ бо ҷалби ҷамъияти шаҳрвандӣ, аз ҷумла занон ташкил шудааст;
- ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 5 барномаи умумиҷахонӣ оиди рушди устувори ҷангалҳо, нармкунӣ ва тағирёбии иқлим иштирок менамоянд.

9. Стратегияи мазкур вазифаҳои зерини афзалиятноки рушди соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад:

1) гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ:
- такмили системаи идоракунӣ ва пурзӯр намудани сохторҳои соҳаи ҷангал;
- такмили пойгоҳи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани татбиқи қонун;
- ташкили системаи устувори маблағгузории соҳаи ҷангал;

2) нигаҳдорӣ ва зиёд намудани майдон ва маҳсулнокии ҷангалҳо:
- хоҷагии тиҷоратии ҷангал;
- ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба пешбурди хоҷагии ҷангал бо истифода аз усули Идоракунии муштараки ҷангал;
- бунёд ва барқароркунии ҷангалҳои зиддибодлес, истироҳатӣ ва махсус муҳофизатшаванда;

3) рушди асосҳои хоҷагии ҷангал:
- рушди тухмипарварӣ ва соҳаи парвариши маводҳои кӯчатӣ;
- гузаронидани баҳисобгирӣ, ҷангалсозӣ ва мониторинг;
- рушди иқтидори кадрӣ ва хоҷагии тиҷоратии ҷангал;
- илм ва иноватсия дар хоҷагии ҷангал.

## 3. Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ

### 1) Такмили системаи идоракунӣ ва мустаҳкам намудани сохторҳои соҳаи ҷангал

10. Системаи институтсионалии соҳаи ҷангал аз рӯи қоидаи тақсимоти вазифаҳо амал менамояд. Агентии хоҷагии ҷангал *сиёсати* давлатро дар соҳаи ҷангал амалӣ менамояд. Муассисаҳои давлатии хоҷагиҳои ҷангал, хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ ва дар доираи маҳдуд муассисаҳои давлатии минтақаҳои табиии махсус муҳофизатшаванда вазифаи *хоҷагидориро* иҷро менамоянд. Инчунин дигар ҷангалдорон низ мавҷуданд, ки фаъолияти хоҷагии ҷангалро намебаранд, чунончи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ. Нозироти давлатии ҷангал вазифаҳои *назораткунандаро* иҷро менамояд. Вазифаҳои *дастгирии рушди* соҳаи ҷангал тавассути пажуҳишгоҳҳои давлатӣ ва ташкилотҳои хусусӣ, ки хизматрасониро иҷро менамоянд, ба монанди Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии хоҷагии ҷангал амалӣ мегардад.

11. Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Агентӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 ноябри соли 2013 таҳти №12 ҳамчун сохтори алоҳидаи давлатӣ ташкил шудааст. Дар асоси Низомнома, ки ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2014 таҳти №132 тасдиқ гардидааст, Агентӣ мақомоти марказии иичроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вазифаи таҳия ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҷангал, меъёри ҳуқуқии батанзимдарории идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҷангал, хоҷагии ҷангал, захираҳои ҷангал, шикор ва хоҷагиҳои шикорӣ, олами набототу ҳайвоноти ҳудудҳои табиии махсусмуҳофизатшаванда, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолият ва идоракунии ташкилотҳои ба ҳайати система дохилшударо ба ҷо оварда, вазифаҳои хоҷагидорӣ ва назоратиро амалӣ менамояд.

12. Баъди соли 1991 шумораи хоҷагиҳои ҷангал аз 24 ба 42 зиёд шуд. Масоҳат ва воҳидҳои кории онҳо дар шароити имрӯза аз 4,5 ҳазор гектар то 108 ҳазор гектар ва аз 10 то 82 нафар мутаносибан каму зиёд гардида истодааст. Ҳоло аз 42 хоҷагии ҷангал ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқии стифодабарии заминро (сертификат) ҳамагӣ 7 хоҷагӣ дорад. Раванди додани сертификат бо сабабҳои нарасидани маблағҳо ва вобаста кардани Фонди давлатии ҷангал ба ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ мушкил гардидааст. Дар баъзе хоҷагиҳои

ҷангал ҳуҷҷатҳои ҷангалсозии кӯҳна намондаанд, хоҷагиҳои аз нав таъсис додашуда (баъди соли 1991) умуман ҳуҷҷатҳои ҷангалсозӣ надоранд, ки банақшагирӣ ва идоракунии устувори ҷангалро мушкил месозад. Новобаста аз ислоҳоти гузаронидашида оид ба марказонидани пешбурди сиёсат дар соҳаи ҷангал, хоҷагиҳои ҷангали вилоятӣ ва минтақавӣ вазифаҳои идоракунӣ ва назоратии худро нигоҳ доштаанд.

13. Қисме аз ҷангалзорҳо таърихан ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсони воқеӣ дар асоси шартномаи иҷора ва ё ки сертификати ҳуқуқи истифодаи замин вобаста шудаанд, аммо аз сабаби набудани назорат ҷангал, растаниҳо ва қабати болоии хок ба шусташавӣ оварда расонидааст.

14. Таъсири сахти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳалӣ ба хоҷагии ҷангал ба назар мерасад, новобаста аз он, ки хоҷагии ҷангал ба доираи салоҳияти онҳо мансуб нест, масалан, пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи директори хоҷагии ҷангал, инчунин қабули қарор оиди додани заминҳои фонди давлатии ҷангал ба дигар истифодабарандагон.

15. Новобаста аз пойгоҳи қонунгузории амалкунанда, Нозироти давлатии ҷангал то ҳол ташкил карда нашудааст.

16. Стансияҳои сӯхторнишонӣ - химиявӣ, ки пеш дар хоҷагиҳои ҷангал мавҷуд буда бо муҳофизати ҷангал аз сӯхтор ва таъсири ҳашаротҳои зараррасон, касалиҳо, инчунин хомӯш кардани сӯхторҳои ҷангал машғул буд, кори худро қатъ намуда қариб ҳамаашон барҳам хӯрдаанд. Стансияҳо оид ба муҳофизати биологии ҷангал барҳам дода шудаанд. Аз сабаби сари вақт нагузаронидани чорабиниҳо оид ба муҳофизати ҷангал қариб ҳамаи ҷангалҳо аз ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳо зарар дидаанд.

17. Ташкилоти махсус барои гузаронидани корҳои ҷангалсозӣ вуҷуд надорад.

18. Барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта зарур аст:

а) пурзӯр намудани вазифаҳои сиёсии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба итмом расонидани мутамарказонидани ҳамоҳангсозии бахши хоҷагии ҷангал ва маҳдуд кардани таъсиррасониҳо ба хоҷагии ҷангал аз тарафи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳалӣ.

б) ташкил намудани Нозироти ҷангал ва ба роҳ мондани назорати самарабахш дар соҳаи ҷангал.

в) мустаҳкам намудани вазифаҳои хоҷагидории хоҷагиҳои ҷангал ва вогузор намудани ҷангалзорҳои дар ихтиёри дигар ҷангалдорон мавҷудбуда, ки фаъолияти хоҷагии ҷангал намебаранд, ба хоҷагиҳои ҷангали махсус гардонидашуда.

г) аз нав ташкил намудан ва такмили сохторҳои мавҷуда, ки ба соҳаи ҷангал хизмат мерасонанд ва ташкили шароити хуби корӣ барои онҳо.

19. Дар натиҷаи иҷроиши супоришҳои қайдшуда Агентӣ пурра метавонад ӯҳдадориҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштaшударо татбиқ намояд, аз ҷумла такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, гузаронидани таҳлил ва мониторинги мунтазами соҳаи ҷангал, танзими муносибатҳои

тамоми тарафҳои ҷалбшуда ва нигоҳдории робита бо ҷомеа. Кори Нозироти ҷангал ба низом дароварда мешавад, ки он назорати самараноки истифода ва барқарор намудани тамоми ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Хоҷагиҳои ҷангал дар асоси сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ва нақшаҳои ҷангалсозӣ фаъолият мебаранд, шумораи онҳо муносиб карда шуда, даромаднокиашон баланд бардошта мешавад. Дар тамоми ҷангалҳои ҷумҳурӣ фаъолияти хоҷагии ҷангали самаранок бурда мешавад, ки он ба нигаҳдорӣ, барқароркунӣ ва истифодаи устувори захираҳои ҷангал нигаронида мешавад. Сохторҳои хусусӣ ва давлатии махсускардашуда, ки оиди гузаронидани ҷангалсозӣ ва бурӯйхатгирӣ, логистика ва маркетинг, гузаронидани машқҳо ва семинарҳо ва инчунин дигар хизматгузориҳои машваратӣ хизмат мерасонанд, ба фаъолият шурӯъ мекунанд.

## 2) Такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани татбиқи ҳуқуқ

20. Таъмини рушди устувори экосистемаҳои ҷангал ва нигоҳдории гуногуни биологӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар ин соҳа, таъсиси пойгоҳи мукаммали ҳуқуқӣ, низоми дақиқ бароҳмондашудаи муқовимат ба вайронкуниҳо, инчунин беҳбудии татбиқи асноди меъёрӣ-ҳуқуқиро талаб менамояд.

21. Бо қабул гардидани Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 дар соҳаи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба ҷангал ислоҳот оғоз гардид, ки ба татбиқи низоми самарабахши бозоргонии истифодаи ҷангалҳо ва мутобиқшавии муносибатҳои ҷангалдорӣ равона гардида буд.

22. Аммо дар Кодекси ҷангал бисёр норасоиҳо, зиддият ва камбудиҳо мавҷуд аст. Кодекс ба пуррагӣ ё ки ба дараҷаи номукаммал дигар муносибатҳои ҳуқуқии муҳимро дар соҳаи муносибатҳои ҷангал, аз он ҷумла низоми ҳуқуқии категорияи ҷангалҳо, тартиби истифодаи захираҳои ҷангал, тартиб додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, масъалаҳои гирифтани маблағ барои намудҳои гуногуни истифодабарии ҷангал ва харҷи ин маблағҳоро ба танзим намедарорад. Мухолифати Кодекси ҷангал ба Кодекси замин мавҷуд буда, 17 санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки қабул намудани онҳоро Кодекси ҷангал пешбинӣ намудааст, таҳия карда нашудааст.

23. Низоми номукаммали инситутсионалӣ оид ба масъалаи муҳофизати ҷангал ва назорати риояи қонунгузории ҶумҳурииТоҷикистон яке аз сабабҳои паст будани сатҳи огоҳкунонӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳои соҳаи ҷангал гардидааст. Новобаста аз он, ки Кодекси ҷангал дар сатҳи қонунӣ ташкили Нозироти давлатии ҷангалро пешбинӣ менамояд, то ҳол Низомномаи он тасдиқ нагардидааст.

24. Таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддии ҷангалбонон ва нозирон, сатҳи пасти дониши онҳо дар бораи қонунгузориҳои соҳаи ҷангал, маъмурӣ, ҷиноӣ ва мурофиавӣ имкони пешгирии самараноки қонунваронкуниҳои соҳаи ҷангал ва ба ҷавобгарӣ кашидани қонунвайронкунандагонро намедиҳад.

25. Ваколатҳои дигар мақомотҳои назоратӣ, аз ҷумла милисаи экологӣ, ҳифзи табиат, хадамоти карантинӣ ва сӯхторнишонӣ оид ба амалӣ намудани назорат аз болои қонунвайронкуниҳои ҷангал такрор мешавад ва дар сатҳи қонунгузорӣ ҷудо карда нашудаанд.

26. Тартиби ҳавасмандгардонии кормандони хоҷагиҳои ҷангал дар ошкор кардани қонунвайронкуниҳо, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилисоҳавӣ пешбинӣ шудаанд, то ба охир таҳия нашуда, ҷорӣ нагардидаанд. Дар соли 2013 аз тарафи хоҷагиҳои ҷангал 2970 парванда оид ба қонунвайронкунӣ дар соҳаи ҷангал баррасӣ гардидааст. Аз маблағи умумӣ 25% зарари расонидашуда ҷуброн нашудааст. Рақамҳои нишон додашуда миқёси ҳақиқии қонунвайронкуниҳои содир кардашуда ва зарари ба хоҷагии ҷангал расонидашударо ифода намекунанд.

27. Сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии аҳолии маҳалӣ дар соҳаи муносибатҳо вобаста ба ҷангал ва нақши ҷангалҳо дар бехатарии экологии мамлакат мушоҳида карда мешавад. Корҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ оид ба санадҳои меъёрӣ ва қонунҳои соҳаи ҷангал ба таври дастрас кифоя гузаронида намешавад.

28. Талаботи барзиёди чандинкаратаи аҳолӣ ба маҳсулоти ҷангал дар муқоиса ба иқтидори истеҳсолии ҷангал, аз ҷумла аз сабаби аз таъминони маҳдуди нерӯи барқ ва арзиши баланд доштани манбаҳои дигари шомили энергия ба қонунвайронкуниҳо такон медиҳад.

29. Ҳамкории байни мақомотҳои назоратӣ дар мубориза бар зидди ғайриқонунӣ ва муташаккилона тайёр намудани маҳсулоти ҷангал нокифоя мебошад. Механизми сертификатсиякунонии пайдоиш (баромад) ва дигар ҳуҷҷатҳои лозимии маҳсулоти ҷангал, ки имконияти назорати пайдоиш, ҷамъоварӣ, фурӯш ва содироти маҳсулотро медиҳанд, вуҷуд надорад.

30. Таъмини рушди устувори экосистемаҳои ҷангал ва нигаҳдории гуногунии биологӣ, пешгирии қонунвайронкунӣ дар соҳаи ҷангал ташкили пойгоҳи ҳуқуқии мукамал, низоми мураттаби пешгирии қонунвайрокуниҳо, инчунин беҳтар намудани таҷрибаи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тақозо талаб менамояд. Ошкор кардан, огоҳонидан ва пешгирӣ намудани амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи ҷангал тақозои муҳайё намудани низоми мураттаби чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраро оид ба барҳам додани қонунвайронкуниҳои ҷангал талаб менамояд.

31. Бо мақсади такмили пойгоҳи ҳуқуқӣ тавассути таҳияи асноди меъёрию ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани татбиқи ҳуқуқ бояд:

а) такмили пойгоҳи ҳуқуқӣ тавассути таҳияи асноди нави меъёрию ҳуқуқӣ, ворид намудани тағиротҳо ва иловаҳо ба Кодекси ҷангал ва дигар асноди қонунгузорӣ;

б) ҳамоҳангсозӣ ва муайянкуни ваколатҳои мақомотҳои назораткунанда тариқи ворид намудани тағироту иловаҳо ба Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, беҳтар намудани кори онҳо бо роҳи ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонӣ;

в) баланд бардоштани дараҷаи воқиф будани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - истифодабарандагони маҳсулоти ҷангал дар масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи ҷангал тавассути таҳияи маводҳои маълумотномавӣ ва таълимӣ-аёнӣ, мунтазам равшан намудани масъалаҳои қонунгузории ҷангал дар ВАО, инчунин ҷалб намудани аҳли ҷомеа.

32. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда пойгоҳи қонунгузорӣ такмил ва ҳамоҳанг мегардад. Бо мақсади таъмини татбиқи ҳуқуқии дахлдор ҳамкории самаранок байни мақомотҳои нозиротӣ ва назоратӣ дар соҳаи ҷангал ба роҳ монда мешавад, тамоми тарафҳои ҷалбшуда оиди муносибатҳои ҳуқуқии ҷангал донишҳои хуб пайдо намуда, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ба ҷараёни пурзӯр намудани татбиқи ҳуқуқӣ ҷалб мегарданд.

### 3) Таъсиси системаи устувори маблағгузории соҳаи ҷангал

33. Идоракунии устувор ва истифодаи ҷангалзорҳо ба манфиати давлат, ҷамъият ва насли оянда танҳо дар ҳолати таъсиси системаи устувори маблағгузории соҳаи ҷангалпарварӣ имконпазир аст. Дар айни замон дар Тоҷикистон бахши хоҷагии ҷангал аз ҳисоби маблағгузории буҷаи давлатӣ, инчунин маблағҳои махсуси ғайрибуҷавӣ, ки аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидории хоҷагиҳои ҷангали ҷумҳурӣ ба даст меоянд, маблағгузорӣ мегардад.

34. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми банақшагирии ҷудо намудани маблағҳои буҷавӣ барои соҳаи ҷангалпарварӣ усули харҷномавӣ-буҷавӣ истифода карда мешавад. Харҷнома барои бунёди зироатҳои ҷангалӣ ва плантатсияҳо дар асоси меъёрҳои харитаҳои ҳисобгирӣ-технологии соли 1984 тасдиқгардида асос меёбад. Дар баробари ин усулҳои ҳозиразамони методии тартиб додани харҷномаҳо оид ба тартиб додани харҷномаҳо ба дигар намуди фаъолиятҳо, ба монанди ҳифзи ҷангалзорҳо, меъёрҳои хароҷоти музди меҳнат, вуҷуд надоранд.

35. Усули харҷномавӣ-буҷавии маблағгузорӣ боиси пешгирии болоравии хароҷотҳои зиёдатӣ мегардад, азбаски ҳангоми сарфаи маблағҳо дар соли ҷорӣ, ҳатман хароҷотҳои буҷавӣ дар соли оянда кам карда мешавад. Ғайр аз ин, усули мазкур дар нишондиҳандаҳои харҷҳои меъёрӣ асос ёфта, натиҷабахшии сарфи моддаҳои хароҷотии маблағгузорӣ шавандаро ба назар намегирад. Ҳамин тавр, мушкилоти номувофиқати маблағҳои харҷгардида ва натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолоти хоҷагии ҷангал ва идоракунии ҷангалҳо ба миён меояд. Барои тағир додани ин усули буҷагузорӣ дар Консепсияи дурнамои рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали 2011 таҳти №1021 тасдиқ шуда аст, чорабиниҳо оиди азнавсозии таҳлили методологии таъсисёбӣ ва иҷроиши буҷа пешбинӣ шудааст.

36. Дар баробари ин, таъсисёбии харҷномаҳо аз рӯи ҳамаи сатҳҳои тобеияти соҳавӣ барои соли навбатӣ дар асоси сатҳи маблағгузории соли

пешина ба амал меояд, на бо талаботи аслии соҳа. Дар натиҷа, соҳаи ҷангалпарварӣ доимӣ бо норасогии маблағгузориҳо дучор мегардад.

37. Таҳлили маълумотҳои маблағгузории соҳаи ҷангалпарварӣ барои солҳои 2012-2014 нишон медиҳад, ки маблағҳои аз буҷаи давлатӣ ҷудогардида ба ҳисоби миёна 28%-и талаботи молиявии соҳаро таъмин менамояд. Месазад қайд намоем, ки ҳиссаи ҳаҷми маблағгузории соҳаи ҷангалпарварӣ аз хароҷоти умумии буҷаи давлатӣ дар давраи солҳои 2012-2014 ба ҳисоби миёна 0.09 % -ро ташкил додааст. Ба ҳар ҳол, раванди болоравии ҳаҷми маблағгузорӣ аз суръати умумии болоравии буҷаи давлатӣ ва сатҳи беқурбшавии асъори миллӣ дар мамлакат пеш мегузарад. Ҳамин тавр, болоравии сатҳи маблағгузории соҳаи ҷангалпарварӣ 32.9 % ва 43.1 % зимни болоравии хароҷотҳои буҷаи давлатӣ ба 20.3 % ва 18.6 % барои солҳои 2012 ва 2013 ташкил дод. Суръати беқурбшавии асъори миллӣ дар давраи муқоисавӣ 6.4% ва 3.7%-ро мутаносибан ташкил дод. Бояд қайд намуд, ки афзуншавии маблағгузории соҳа асосан ба хароҷотҳои маъмурӣ равона карда шуда буд.

38. Ба болоравии сатҳи маблағгузорӣ нигоҳ накарда, ҳиссаи маблағгузории ба чорабиниҳои истеҳсолии соҳаи ҷангал (бунёди зироатҳои ҷангалӣ, сохтмон ва таъмири системаҳои обёрикунӣ, мубориза бар зидди зарарасонҳо, ташкил ва барқарорсозии хатҳои зиддисӯхтор, таъмири роҳҳои дохили ҷангал) равона карда шуда, дар маҷмӯи хароҷотҳои умумии соҳа дар 3 соли охир коҳиш ёфта истодааст. Ҳамин тавр, агар дар соли 2012 ин нишондиҳанда 19.3%-ро ташкил мекард, дар соли 2014 то 14.2% кам гардид. Тамоюли мазкур дар соли 2015 бо дарназардошти харҷномаи тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 12.4% боқӣ мемонад.

39. Хароҷотҳои ҳамасола барои гузаронидани чорабиниҳои истеҳсолии соҳаи ҷангалпарварӣ дар самти барқарорсозии ҷангалзорҳо аз маблағҳои буҷаи давлатӣ дар 3 соли охир ба ҳисоби миёна 1.6млн. сомонӣ, ё 6.2%-и ҳаҷми талаботи соҳаро ташкил медиҳад.

40. Маблағҳои аз буҷаи давлатӣ ҷудошаванда инчунин барои хизматрасонӣ, бақарорсозӣ ва истифодаи пойгоҳи моддию техникии амалкунанда нокифояанд.

41. Маблағгузории соҳа инчунин қисман аз ҳисоби даромадҳои худии хоҷагиҳои ҷангал, ки асосан аз фурӯши маҳсулотҳои ҷангал ва дастрасии хизматрасониҳои экосистемавӣ ба даст оварда мешавад, амалӣ мегардад. Таҳлили моддаҳои даромадҳо дар солҳои 2012-2013 нишон дод, ки хоҷагиҳои ҷангал тахминан 55%-и даромадхои худро аз ҳисоби фаъолиятҳои хоҷагидории худ ба даст меоранд.

42. Даромаднокии хоҷагиҳои ҷангал бо назардошти майдонҳои васеи каммаҳсул ва нархгузориҳои амалкунанда ба маҳсулотҳои ҷангал дар сатҳи паст қарор дорад. Даромаднокии миёнаи хоҷагиҳои ҷангали ҷумҳурӣ бо дарназардошти маблағгузориҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ, инчунин даромадҳои дар солҳои 2012-2013 ба даст оварда камтар аз 50 %-ро ташкил медиҳад, гарчанде бо дарназардошти захираҳо ва имконниятҳои мавҷудаи имрӯзаи

ҷангал даромадро метавон 60-70% зиёд намуд ва сатҳи даромаднокиро то 80% оварда расонид.

43. Яке аз омилҳои асосии боздорандаи зиёд гардидани даромаднокии хоҷагиҳои ҷангал механизми амалкунандаи нархгузориҳо, ки дар баробари дигар омилҳо ба ҳавасмандии хоҷагиҳои ҷангал дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои ҷангал садди роҳ мегардад, ба ҳисоб меравад.

44. Бояд қайд намуд, ки механизми мониторинги хароҷоти маблағҳои буҷавӣ ва маблағҳои худии хоҷагиҳои ҷангал низ вуҷуд надорад.

45. Иштироки бахши хусусӣ дар рушди хоҷагии ҷангали ҷумҳурӣ қариб ки вуҷуд надорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ, ҳаҷми сармоягузории бахши хусусӣ ба соҳаи ҷангал нисбат ба маблағгузориҳое, ки донорҳо ба соҳа дар доираи кӯмакҳо бо мақсади рушд гузоштаанд, 7 баробар зиёд мебошад. Яке аз сабабҳои асосӣ ин набудани ахбороти дастрас ва маводҳои таҳлилӣ оид ба имкониятҳои соҳа барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ мебошад.

46. Соҳаи ҷангал инчунин аз тарафи донорҳо дар доираи барномаҳои алоҳида маблағгузорӣ карда мешавад. Бо назардошти барномаҳо дар давраи солҳои 2015-2017 саҳми солонаи донорҳо дар соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон 2млн. евро – ро ташкил медиҳад.

47. Аз ин лиҳоз, ки бо мақсади ташкили маблағгузории устувори соҳаи ҷангалпарварӣ:

а) беҳдошти раванд ва усули банақшагирии маблағгузории соҳа аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ бо назардошти нишондиҳандаҳои мақсадноки пешбинишуда дар асоси усули барномавӣ- мақсаднок;

б) зиёд намудани маблағгузорӣ, даромаднокӣ ва самаранокии истифодаи маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ, аз ҷумла дар чорабиниҳо оид ба бунёд ва барқароркунии ҷангалҳо зарур аст.

48. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда рӯйпӯш намудани талаботҳои молиявии хоҷагии ҷангал то 70% зиёд карда мешавад, даромаднокии хоҷагиҳои ҷангал то 80% баланд бардошта мешавад ва сармояҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ ба маблағи на кам аз 10млн. сомонӣ ҷалб карда мешаванд. Мониторинги мунтазам ва таҳлили маблағгузорӣ ва масрафи воситаҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавии нархгузории маҳсулотҳои ҷангал тибқи механизмҳои бозорӣ гузаронида мешавад.

## 4. Нигаҳдорӣ ва афзунгардонии майдонҳо ва маҳсулнокии ҷангалзорҳо

### 1) Хоҷагии тиҷоратии ҷангал

49. Ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони шӯравӣ мансуби гурӯҳи якуми ҷангалзорҳо буда, танҳо вазифаҳои муҳофизатиро ба зарари иқтисодӣ иҷро мекарданд. Бо қабули Кодекси ҷангал дар соли 2011 пешбарии бисёрҷабҳагии хоҷагии ҷангал ҷорӣ гардид, яъне истифодаи маҷмӯии ҳамаи имкониятҳои функсионалии ҷангал ва ҷорӣ намудани хоҷагии тиҷоратии ҷангал.

50. Тахти мафхуми “хочагии тичоратии чангал“ пешбарии хочагии чангал бо мақсади ба даст овардани фоида, ки аз чалби маблағҳои сармоягузорӣ сарчашма мегирад, дар назар дошта мешавад. Асоси пешбурди хочагии тичоратии чангал баробарҳуқуқӣ барои соҳаҳои давлатӣ ва шахсӣ мебошад.

51. Равандҳои тичоратӣ дар соҳаи чангал - ниҳолпарварӣ истеҳсоли ниҳолҳои аълосифати чангал, ташкили плантатсияҳои истеҳсолӣ оиди истеҳсоли чӯби корӣ, дарахтони мағздор ва мевадиҳанда, тайёр намудан ва коркарди маҳсулотҳои чангал буда метавонад. Намудҳои бахусус пешрафта фаъолият истеҳсоли ҳезум, чӯби корӣ барои сохтмон ва косибот, парвариши камоли бадбуй, писта, чормағз, бодом ва дигар мевачотҳои худрӯи чангал барои хушккунӣ мебошад.

52. Заводу корхонаҳои дар даврони шуравӣ фаъолият дошта оид ба коркарди маҳсулотҳои чангалҳои Точикистон ба монанди заводи дорусозӣ дар ЧСС Узбекистон, заводи консервабарорӣ дар шаҳри Ваҳдат, сехи хурди истеҳсоли равғани ангат дар ВМКБ аз фаъолият бозмонданд. Вобаста ба ин ҳолат як қатор маҳсулотҳои хочагии чангал аз талабот бозмонданд. Айни ҳол шумораи корхонаҳо оид ба харид ва коркарди маҳсулотҳои хочагии чангал аз 25 адад зиёд нест. Ин пеш аз ҳама бо ҳачми нокифоя ва сифати пасти истеҳсоли якуминдарачаи маҳсулотҳои чангал алоқаманд аст.

53. Даромаднокии хочагиҳои давлатии чангал аз ҳад паст буда, камтар аз 50%-ро ташкил медиҳад. Кормандони хочагиҳои чангал малакаҳои зарурии бизнес-банақшагирии савдо, инчунин гузаронидани таҳлили хариду фурӯш ва талаботро ба маҳсулотҳои истеҳсолшаванда надоранд. Чустучӯи фаъоли харидорони эҳтимолӣ амалӣ намегардад. Барои як қатор маҳсулотҳои хочагии чангал гузаронидани тадқиқотҳои савдои бозорҳои байналхалқӣ, инчунин соҳиб гаштан ба сертификатҳои сифатнокии мувофиқ ба талаботҳои байналхалқӣ зарур аст.

54. Чозибанокии хочагии чангал аз нуқтаи назари сармоягузорӣ аз тарафи сармоягузорони дохилию хоричӣ, аз чумла худи хочагиҳои чангал, хусусиятҳои хоси худро дар соҳаи мазкур дорад. Масалан, сармоя дар соҳаи чангал давраи нисбатан бардавоми хароҷотбарории маблағҳои сармоягузоришударо талаб менамояд. Маҳдудиятҳо дар мӯҳлати истифодабарии замин, ки дар Кодекси замин инъикос гардидааст, инчунин боиси мамонияти чараёни сармоягузорӣ мегардад. Низомномаи амалкунанда ва мавқеи ба рушди фаъолияти тичоратӣ имконият намедиҳад. Иштироки сармоягузорони дохилию хоричӣ дар инкишофи соҳа амалан ба назар намерасад. Яке аз сабабҳои асосӣ ин набудани ахбороти дастрас оид ба иқтидор ва имкониятҳои мавчудаи соҳа маҳсуб меёбад. Давоми 2 соли охир аз чониби бучаи давлатӣ барои бунёди 200га сафедор ҳамагӣ ба маблағи 2.4млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, лекин худи хочагиҳои чангал аз ҳисоби маблағҳои худӣ барои пурзӯр намудани иқтидори истеҳсолии чангал маблағ сарф накардаанд. Дар ҳолати давомёбии сатҳи пасти сармоягузорӣ ва бе чалби бахши хусусии мамлакат ва сармогузорони хоричӣ баланд бардоштани даромаднокии хочагиҳои чангал имконнопазир аст.

55. Дар алоқамандӣ бо сатҳи пасти афзоиши солонаи аксарияти ҷангалзорҳо ва маҳдудияти майдонҳои ҷангалзорҳои Тоҷикистон дар маҷмӯъ, истифодаи чунин механизмҳои байналмиллалӣ ба монанди Протоколи Киотии Созишномаи СММ оиди тағирёбии иқлим дар ҷумҳурӣ барои ҷалби сармояҳо мушкил аст.

56. Хоҷагии тиҷоратии ҷангал дар соҳа аз сабаби дар маҷмӯъ маҳдуд будани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва майдонҳои зарурӣ барои зиёд намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, наметавонад нақши афзалиятнок дошта бошад. Дар баробари ин, бе ҷорӣ намудани хоҷагии тиҷоратии ҷангал афзунгардонии даромаднокии хоҷагиҳои ҷангал ва таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулотҳои хоҷагии ҷангал имконнопазир аст.

57. Бо назардошти гуфтаҳои боло, бо мақсади рушди тиҷорати хоҷагии ҷангал зарур аст:

а) таъсиси заминаҳо барои рушди хоҷагии тиҷоратии ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шароитҳои мусоид барои сармоягузорӣ бо роҳи муайян кардан ва тайёркуниии заминҳои коршоям барои пешбурди хоҷагии тиҷоратии ҷангал ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ;

б) рушди самтҳои тиҷоратӣ дар соҳаи ҷангалпарварӣ, аз ҷумла таъсиси ниҳолзорҳои саноатии ҷангалӣ, рушди хоҷагии ниҳолхона ва шикорӣ, рушди туризми экологӣ, кушодани сехҳо оиди коркарди маҳсулоти ҷангалӣ ва растаниҳои доругӣ.

58. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда майдон барои ниҳолзорҳои тиҷоратии плантатсионӣ то 4000 гектар аз ҳисоби заминҳои Фонди давлатии ҷангал ва дигар заминҳо зиёд карда шуда, шумораи соҳибкорон аз 25 ба 100 мерасад.

## 2) Ҷалби аҳолии маҳаллӣ барои пешбурди хоҷагии ҷангал бо истифода аз усули Идоракунии муштараки ҷангалҳо

59. Айни замон дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳии мамлакат, ки ҷангалзорҳои асосӣ мавҷуданд, қариб 70%-и аҳолӣ зиндагӣ намуда, бевосита аз маҳсулоти ҷангал истифода мебаранд ва ё дар дигар намудҳои истифодабарии ҷангал иштирок менамоянд. Бинобар ин, ҷангалҳо барои рушди ноҳияҳои кӯҳистон ва таъмини некӯаҳволии аҳолии ин маҳалҳо нақши асосӣ мебозанд.

60. Дар давраи ҳозира ҷалби аҳолии маҳалӣ дар фаъолияти хоҷагии ҷангал, аз рӯи қоида, дар доираи шартномаҳои мавсимӣ, солона ва дарозмӯҳлат бо мақсади истифодабарии захираҳои ҷангал амалӣ гардонида мешавад. Аҳолии маҳаллӣ ба таври пурра дар идоракунии ҷангалҳо иштирок намекунад ва мутаносибан дар онҳо ҳавасмандии истифодабарии устувори ҷангал ҳамчун ғояи асосии нигаҳдории ҷангалзорҳо ва гуногунии биологӣ вуҷуд надорад.

61. Усули Идоракунии муштараки ҷангал (минбаъд – ИМҶ) бо мақсади ҷалби аҳолии маҳалӣ на танҳо барои истифодабарии устувори ҷангал, балки

барои нигаҳдорӣ, барқароркунӣ ва парвариши ҷангалҳои инчунин равона карда шудааст. Усули мазкур аз бастани шартнома ба мӯҳлати 20 сол байни хоҷагии ҷангал ва ҷамоат ё шахсони инфиродӣ, ки дар ҳудуди фаъолияти хоҷагии ҷангал зиндагӣ мекунанд, иборат мебошад. Нақшаҳои идоракунии бо ҳам якҷоя мувофиқа кардашуда истифодабарии ҷангал ва ҷаъми корҳои хоҷагии ҷангалро, ки ба нигаҳдорӣ ва барқароркунии ҷангал равона карда шудааст, ба танзим медарорад. Хоҷагии ҷангал ва истифодабарандаи ҷангал тартиби тақсимоти маҳсулоти ҷангал ва гузаронидани чорабиниҳоро оид ба ҳифзу нигаҳдорӣ, нигоҳубини ҷангал ва ҷангалбарқароркунӣ, ки бояд истифодабарандаи ҷангал иҷро намояд, бо ҳам мувофиқа менамоянд. Нақшҳо, ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва ҷавобгарии тарафҳо дар шартнома аниқ дарҷ гардидааст, ки барои давлат нигаҳдории захираҳои ҷангал ва барои аҳолии маҳаллӣ манбаи қонунии гирифтани даромади бо ҷангал алоқамандро кафолат медиҳад. Бояд қайд намуд, ки усули ИМҶ ба монанди дигар усулҳои пешбурди хоҷагии ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парвариши намудҳои маҳалии дарахтон ва барқароркунии ҷангалҳои табиӣ равона карда шуда, мувозинати экологӣ, имкониятҳои мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим ва нигоҳдории гуногунии биологиро таъмин менамояд.

62. Усули ИМҶ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷангалҳои наздисоҳилӣ дар ҳудуди ВМКБ соли 2006 тафтишу таҳқиқ карда шуда, аз соли 2013 инҷониб дар пистазорҳои хоҷагиҳои ҷангали Фархор ва Данғара, дар минтақаи ҷангалҳои паҳнбарги хоҷагии ҷангали Ховалинг ва дар минтақаи арчазорҳои хоҷагии ҷангали Панҷакент низ мавриди тафтишу таҳқиқ қарор дорад.

63. Айни ҳол 601 шартномаи ИМҶ баста шуда, ҳамзамон зиёда аз 10 ҳазор гектар ҷангалҳо фаро гирифта шудааст. Таҳлили фаъолият оиди ҷорӣ намудани усулҳо дар минтақаҳои пилотӣ натиҷаи мусбии татбиқи онро нишон медиҳад.

64. Барои ҳаматарафа ҷорӣ намудани усули мазкур заминаи ҳуқуқии дахлдор мавҷуд мебошад. Татбиқи усули ИМҶ дар Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Ғайр аз ин, лоиҳаи Қоидаҳои идоракунии муштараки ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Таҳияи Дастурамал оид ба ҷорӣ намудани усули ИМҶ барои хоҷагиҳои ҷангал дар назар аст.

65. Аммо барои васеъ ҷорӣ намудани усули ИМҶ як қатор монеаҳо ба монанди ахбороти кофӣ надоштани хоҷагиҳои ҷангал, аҳолии маҳаллӣ ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ оид ба ИМҶ ва бартариҳои ин усул мавҷуд мебошад. Афзалияти муносибати истеъмолкунандагӣ дар байни аҳолии маҳаллӣ нисбат ба ҷангалҳо ва захираҳои он аз як тараф ва ҳавасмандии хоҷагиҳои ҷангал танҳо барои рушди хоҷагидории худ аз тарафи дигар сабаби асосии паст будани боварӣ миёни тарафҳо мебошад. Танҳо ба воситаи ҳамкории бардавом аз тарафи ташкилотҳои байналмиллалӣ ва ғайридавлатӣ барпо намудани муносибатҳои боваринок миёни тарафҳо ва ноил гаштан ба ҳадафҳои гузошташуда оид ба барқароркунии захираҳои ҷангал дар асоси манфиатбинии тарафҳо муяссар гардид.

66. Аз ин лиҳоз, бо мақсади ҷалб намудани аҳолии маҳалӣ дар пешбурди хоҷагии ҷангал бо истифода аз усули ИМҶ лозим аст:

а) мукаммал намудани замина барои ҳаматарафа ҷорӣ намудани усули ИМҶ бо роҳи таҳияи дастурамалҳо, маводҳои маълумотӣ ва ахборотӣ ва ҷудо кардани заминҳои коршоям барои татбиқи усул дар доираи нақшаҳои ҷангалсозӣ .

б) татбиқи бениҳоят васеи усули ва марҳила ба марҳила иваз намудани шартномаҳои мавсимӣ ба шартномаҳои ИМҶ бо роҳи таъсис додани қитъаҳои намоишии ҷорӣ намудан ва вусъатдиҳии минбаъдаи усул дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ.

67. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда усули ИМҶ иловагӣ аққалан ба 40ҳаз. гектар бо ҷалби 3500 хонавода ҷорӣ мегардад. Чорабиниҳои хоҷагии ҷангал, ки ба нигаҳдорӣ ва барқароркунии навъҳои ҷангалӣ равона карда шудааст, аз ҷумла намудҳои эндемӣ, бо назардошти истифодаи захираҳои ҷангалӣ гузаронида мешавад. Натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда ва таҳлили усули ИМҶ дар сомонаи Агентӣ мунтазам возеҳ карда мешавад.

### 3) Нигаҳдорӣ, барқароркунӣ ва парвариш намудани ҷангалҳои зиддибодлес, истироҳатӣ ва махсус муҳофизатшаванда

68. Сарфи назар аз иқтидори тиҷоратии хоҷагии ҷангал ва истифодаи маҳсулотҳои ҷангал аз тарафи аҳолии маҳаллӣ, вазифаи асосии ҷангал - ин таъмини устувории экосистемаҳои табиӣ аз ҳисоби хусусиятҳои обнигаҳдорӣ, ҳифзи қабати ҳосилхези замин ва иқлим батанзимдарории ҷангал, мебошад. Якбора зиёд шудани шумораи офатҳои табиӣ (омадани сел, фаромадани ярч ва ғайра) дар солҳои охир дар Тоҷикистон бо таназзулёбии захираҳои ҷангал ва кам гаштани майдони ҷангалзорҳо алоқамандӣ дорад. Бо гузаронидани ислоҳоти замин ва ташкил намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар заминҳои вобаста кардашудаи Фонди давлатии ҷангал бисёр қитъаҳои ҳосилхези ҷангалҳо ба ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ дода шуд, ки дар натиҷа дар онҳо таназзулёбии ҷангалҳо ба вуқӯъ омад. Ҳамзамон нигаҳдорӣ, барқароркунӣ ва парвариши ҷангалҳои зиддибодлес, истироҳатӣ ва махсус муҳофизатшаванда, инчунин таъминоти мувофиқи молиявии ин чорабиниҳо вазифаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

69. Нақшаҳои солҳои охир қабулшуда оиди ҳаҷми бунёд ва барқарокунии ҷангалҳо бунёди ҷангалҳоро дар масоҳати то 2000га дар як сол пешбинӣ менамояд. Аммо дар асл ҳаҷмҳои мазкур комёб намешавад ва суръати таназзулёбии ҷангалҳо аз суръати ҷангалбарқароркунӣ зиёд мебошад. Дар даҳсолаҳои охир корҳои барқароркунии ҷангалҳо ва беҳтар намудани хусусиятҳои сифатии онҳо дар ҳаҷми нокифоя гузаронида мешавад. Дар натиҷаи вуҷуд доштани камбудиҳо бо маводҳои кӯчатӣ, ҷангалҳои бунёдшаванда сатҳи пасти қобилияти сабзидан доранд.

70. Аз сабаби мавҷуд набудани маблағузории сариваќтӣ ва гузаронида нашудани чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҷангалҳо аз касалиҳо ва зараррасонҳо дар ҳаҷми зарурӣ, қариб ҳамаи ҷангалзорҳо аз касалӣ ва ҳашаротҳои зараррасон осеб дидаанд. Асосан усулҳои механикии мубориза, ки камхарҷтарин аст, истифода бурда мешавад. Дорупошакҳо ва гардолудкунандаҳо, заҳрдоруҳо намерасанд. Усули биологии мубориза ҳамчун ҷиҳати аз ҷиҳати экологӣ бехатар умуман истифода бурда намешавад.

71. Қисми зиёди ҷангалҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби чорвочаронӣ таназзул ёфта, чорабиниҳо оид ба кӯмак расонидан ба барқароршавии табиӣ қатъ гардида, айни ҳол умуман гузаронида намешаванд.

72. Чорабиниҳо оид ба пешгирӣ намудани ҷангалҳо аз сӯхтор аз сабаби заминаи камқуввати моддӣ-техникӣ дар ҳаҷми нокифоя амалӣ гардида, натиҷабахш намебошанд. Танҳо дар соли 2014 масоҳати 300га ҷангалзор аз сӯхтор нобуд шудааст.

73. Барои беҳтар намудани вазъият ба нақша гирифта шудааст:

а) Такмили замина барои самаранок нигаҳдорӣ, барқароркунӣ ва парвариш намудани ҷангалҳои зиддибодлес, истироҳатӣ ва махсус муҳофизатшаванда бо роҳи таҳлил намудани масоҳатҳое, ки барқарор намудан ва парвариши ҷангалро талаб менамояд, таҳлили ҳолати дарахтони эндемӣ ва қадима ва сироятшавандагии ҷангалҳо, таъсиси пойгоҳи маводи кишт ва кӯчат, таҳияи усулҳои муосир, самаранок ва дастраси усулҳо ва меъёрҳои ҳифзи ҷангалҳо ва пешгирии сӯхторҳо;

б) дар ҳаҷми зарурӣ барқарор намудани чорабиниҳо оид ба нигаҳдорӣ, барқароркунӣ ва парвариш намудани ҷангалҳои зиддибодлес, истироҳатӣ ва махсус муҳофизатшаванда.

74. Дар натиҷаи иҷроиши супоришҳои қайдшуда ҷангалҳои нав дар масоҳати на кам аз 1ҳаз.гектар дар як сол бунёд мешавад, ҷангалҳои таназзулёфта дар ҳаҷми на кам аз 2ҳаз.гектар дар як сол барқарор гардида, дар барқароркунии табиии ҷангалҳои таназзулёфта дар ҳаҷми на кам аз 8ҳаз.гектар дар як сол мусоидат карда мешавад.

## 5. Рушди асосҳои хоҷагии ҷангал

### 1) Тухмипарварӣ ва хоҷагии ниҳолпарварӣ

75. Рушди тухмипарварӣ ва хоҷагии ниҳолпарварӣ барои пешбурди ҳоҷагии тиҷоратии ҷангал, бунёд ва барқароркунии ҷангалҳои зиддибодлес, истироҳатӣ ва ҷангалҳои махсус муҳофизатшаванда асос мебошад.

76. Дар системаи соҳаи ҷангал 5 хоҷагии махсуси ниҳолпарварӣ бо масоҳати умумии қариб 400га замин мавҷуд аст. Қариб дар ҳамаи ҳоҷагиҳои ҷангал ниҳолхонаҳои хурд вуҷуд доранд, ки масоҳати умумиашон 41гектарро ташкил медиҳад. Хамагӣ дар системаи хоҷагии ҷангал дар як сол зиёда аз 3 миллион ниҳол (маводҳои кӯчатӣ), қариб 30 намуди дарахту буттаҳо парвариш карда мешавад, ки қисми зиёди онҳо мевадиҳанда мебошад. Вале намудҳои

ҷангалии дарахту буттаҳо ба миқдори нокифоя парвариш карда мешаванд, ки талаботи хоҷагиҳои ҷангалро қонеъ карда наметавонад.

77. Фаъолияти як қатор ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ба монанди боғи табиии «Сари Хосор», «Ширкент» ва мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» ба макони табиии (*in-situ*) нигаҳдории фонди генетикии ҷангал равона гардидаанд, вале дар баробари ин баъзе намудҳои эндемикҳо (тӯс, бодоми Вавилов, бодоми хордор, сафедори нуқрабарг, туранга, хурмои ёбоӣ, анори ёбоӣ, нок, себ ва ғайра) ҳамчун намудҳои махсус муҳофизатшаванда фаро гирифта нашудаанд, ё боз дар куҷо рӯидани онҳо маълумот нест. Барои берун аз ҳудуди табиии паҳншавӣ (*ex-situ*) нигаҳдории эндемикҳо боғҳои ботаникӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб ва Хоруғ мавҷуд аст.

78. Тухмиҳо барои парвариши маводҳои кӯчатӣ аз ҳама ҷо бе назардошти хусусиятҳои сифатии онҳо ҷамъоварӣ карда мешавад, зеро пойгоҳи доимии тухмиҳои дарахту буттаҳои ҷангал ва анборҳои махсуси нигаҳдории тухмиҳо вуҷуд надорад. Тухмиҳо, аз рӯи қоида, бе санҷиши сифатӣ кишт карда мешаванд, чунки Стансияи давлатии назорати тухмиҳои ҷангал мавҷуд нест.

79. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тухмипарварии соҳаи ҷангал ва назорати зарурии сифати парвариши маводҳои кӯчатӣ вуҷуд надорад, нарасидани мутахассисон дар соҳаи парвариши маводҳои кӯчатӣ ба назар мерасанд.

80. Барои беҳтар намудани вазъият ба нақша гирифта шудааст:

а) ташкил намудани пойгоҳ барои пешбурди самараноки тухмипарварӣ ва хоҷагии ниҳолпарварӣ бо роҳи таъсис додани Стансияи давлатии назорати тухмиҳои ҷангал, таҳияи дастурамалҳои мутобиқ, механизмҳои назорати сифат, ГОСТ-ҳо ва ОСТ-ҳо, инчунин гузаронидани чорабиниҳо оиди нигаҳдории фонди генетикии *in-situ* ва *ex-situ*;

б) баланд бардоштани сифати тухмӣ ва зиёд намудани ҳаҷми тухмӣ ва ниҳолҳои истеҳсолшаванда бо роҳи таъсис додани қитъаҳои доимии тухмии ҷангалӣ ва ниҳолхонаҳо, зиёд намудани маҳсулнокии онҳо.

81. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда тайёр кардан, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории намудҳои беҳтарини тухмиҳо на кам аз 20тоннаро ташкил дода, парвариши солонаи ниҳолҳо на кам аз 3,5млн донаро ташкил медиҳад.

### 2) Гузаронидани барӯйхатгирӣ, ҷангалсозӣ ва мониторинг

82. Ҷангалсозӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳо оиди барӯйхатгирӣ, баҳодиҳӣ ва банақшагирии корҳои хоҷагии ҷангал мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии пешбурди хоҷагии ҷангал ва истифодабарии захираҳои ҷангал равона карда шудааст. Гузаронидани ҷангалсозӣ дар хоҷагиҳои ҷангал ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани баҳои миқдорӣ ва сифатӣ, мавҷудият ва ҳолати захираҳои ҷангал ва гуногунии биологии мамлакат имконият медиҳад. Ба даст овардани маълумотҳои эътимоднок оиди майдони ҷангалҳо, зичии онҳо, захираи чӯб дар

реша, ҳолати санитарии онҳо барои дуруст ба нақша гирифтани корҳо оид ба бунёд ва барқароркунии ҷангалҳо имконият медиҳад.

83. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон охирин маротиба корҳои ҷангалсозӣ аз тарафи иттиҳодияи умумиитифоқии «Леспроект» солҳои 1990-1991 гузаронида шуда буд. Ҳамин тариқ, дар давоми зиёда аз 20 сол ягон намуди корҳои ҷангалсозӣ гузаронида нашудааст, гарчанде тағиротҳои бештарин оиди баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии ҳолати ҷангалҳо маҳз дар ҳамин солҳо рӯй додаанд.

84. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани чорабиниҳои ҷангалсозӣ Ташкилоти ҷангалсозии худӣ мавҷуд нест. Чунин сохтор бояд дар назди Агентии хоҷагии ҷангал бо маблагузории давлатии ҷангалсозӣ ташкил карда шавад ва ё корҳои ҷангалсозӣ аз тарафи ширкатҳои хусусӣ бо фармоишҳои давлатӣ иҷро карда шаванд.

85. Дар айни замон тартиби мониторинги ҷангалҳо, ки дар қатори нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ, масъалаҳои гуногунии биологӣ, талаботҳои аҳолӣ ва осебпазирӣ аз тағъирёбии иқлимро дар бар мегирад, вуҷуд надорад.

86. Усули мутобиқгардонидашудаи гузаронидани барӯйхатгирӣ ва ҷангалсозӣ вобаста ба намудҳои гуногуни ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад.

87. Аксарияти хоҷагиҳои ҷангал то ҳол ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодабарии заминро надоранд, ки мушкилиҳоро ҳангоми банақшагирии корҳо дар ҳудуди заминҳои Фонди давлатии ҷангал пайдо мекунад ва аксар вақт ба ҳолатҳои низоӣ байни заминистифодабарандагони ҳамсарҳад ва истифодабарандагони мавсимии чарогоҳҳо оварда мерасонад.

88. Барои беҳтар намудани вазъият ба нақша гирифта шудааст:

а) ташкил намудани замина барои гузаронидани барӯйхатгирӣ, ҷангалсозӣ ва мониторинг бо роҳи ташкили корхонаи ҷангалсозӣ; таҳияи усули гузаронидани барӯйхатгирӣ ва ҷангалсозӣ, харидани таҷҳизоти зарурӣ ва омода карда мутахассисон;

б) гузаронидани барӯйхатгирӣ, ҷангалсозӣ ва мониторинг дар тамоми ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тартиб додани Харитаи хавфи сӯхтории ҷангалҳои Тоҷикистон.

89. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда тамоми хоҷагиҳои ҷангал маводҳои таҷдидшудаи ҷангалисозиро соҳиб гардида, барӯйхатгирии тамоми ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

### 3) Рушди захираҳои кадрӣ

90. Дар соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон зиёда аз 3 ҳазор нафар коргар доимӣ ва қариб 10 ҳазор нафар мавсимӣ кор мекунанд.

91. Дар солҳои охир тамоюли зиёдшавии синни миёнаи кормандони соҳаи ҷангал мушоҳида карда мешавад, ки аз се як ҳиссаи онҳо синну солашон 45-55 сола буда, 20 фисадашон ба гурӯҳи синну соли пеш аз нафақа, яъне 55-63 сола

дохил мешаванд. Аҳолии ҷавони қобили меҳнат барои кор кардан дар соҳаи ҷангал ҳавасманд нестанд. Сабабҳои ин паст будани музди меҳнат, шароитҳои номувофиқи меҳнат ва нокифоя будани таъминоти моддиву техникӣ, ба монанди компютерикунонӣ ва дигар намуди таҷҳизонии суст, набудани бинои корӣ барои маъмурияти хоҷагиҳои ҷангал мебошад, ки барои иҷрои босифати фаъолияти хоҷагии ҷангал монеъ пайдо мекунад. Ба ғайр аз ин дар соҳа нобаробарии гендерӣ мушоҳида карда мешавад, чунки ба кор асосан мардон қабул карда шудаанд - 92%, инчунин танҳо 20% аз шумораи умумии кормандони соҳаи ҷангал аз рӯи ихтисос кор мекунанд.

92. Талаботи солонаи соҳаи ҷангал ба кадрҳои баландихтисос - наздики 20 нафар бо маълумоти олӣ ва қариб 70 нафар бо маълумоти миёнаи техникиро ташкил медиҳад. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои таълимии касбӣ оид ба тайёр намудани кормандони соҳаи ҷангал мавҷуд нест. Дар натиҷа аз се як ҳиссаи кормандони имрӯзаи соҳаи ҷангал маълумоти миёна ва ё миёнаи нопурра дошта, кормандони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи техникӣ намерасанд.

93. Ягона барномаи касбии тайёр намудани кадрҳо дар соҳаи ҷангал дар факултаи боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон мебошад, ки ҳамасола то 25 довталаб қабул намуда, зиёда аз 20 мутахассис – муҳандиси хоҷагии ҷангал онро хатм менамоянд. Ҳамагӣ аз соли 1998 аз рӯи ҳамин ихтисос 236 нафар омӯзишро хатм намуда, танҳо 5% барои кор дар ин соҳа мондаанд. Умуман, дар байни ҷавонон паст будани ҳавасмандӣ дар гирифтани ихтисоси соҳаи ҷангал ва паст будани сатҳи омодагии омӯзгорони фанҳои хоҷагии ҷангал мушоҳида карда мешавад. Дар айни замон дар соҳаи ҷангали ҷумҳурӣ норасоии ҷиддии кадрҳо ба назар мерасад.

94. Барномаи дарсии «Ҷангалбон» аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки ҷангалбонон онро дар давоми 9 ҳафта аз худ намуда, соҳиби малакаҳои асосӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматии худ мегарданд, вале барномаи ягона кифоя намебошад.

95. Қисми зиёди кормандони ҳозираи Агентии хоҷагии ҷангал Академияи ҷангали Воронежро ҳанӯз дар даврони шӯравӣ хатм намудаанд. Баъди ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил дар мактаби олии мазкур танҳо соли 2009 барқарор карда шуд. Хатмкунандагони ин донишгоҳ 4 мутахассис аз ҷумҳурӣ шуданд, вале ягон нафари онҳо ба кор дар соҳаи ҷангал то ҳол наомадаанд. 9 донишҷӯ таҳсилро дар ин донишгоҳ идома дода истодаанд.

96. Ҷойивазкунии доимӣ ва дараҷаи баланди азкорравии кадрҳои асосӣ (20%) таъмини бомуратаби корро дар ташкилотҳои хоҷагии ҷангал душвор мегардонад.

97. Банақшагирии заҳираҳои меҳнатӣ ва ташкили захираҳои кадрӣ дар маҳалҳо, пойгоҳи маълумотҳо оид ба кормандони эҳтимолӣ вуҷуд надорад. Ба ҷорӣ намудани он надоштани дониш оид ба раванди банақшагирӣ ва усулҳои гузаронидани он монеа мешаванд. Роҳбарони хоҷагиҳои ҷангал дурнамои

рушди ташкилот, мутаносибан талаботи минбаъдаро ба ҳайати кормандон намебинанд.

98. Сатҳи пасттарини музди меҳнатро дар соҳаи ҷангал бояд қайд намуд. Масалан, музди меҳнати ҷангалбон аз ҳисоби буҷаи давлатӣ 75% ҳадди камтарини рӯзгузарониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар таҷрибаи хоҷагиҳои ҷангал системаи ҳавасмандгардонии кормандон аз ҳисоби фаъолияти ҳисоби хоҷагидорӣ амал мекунад, ки иловапулӣ одатан 20-25%-и музди меҳнатро ташкил медиҳад.

99. Айни замон вақте, ки дар ҷумҳурӣ барои кормандони соҳаҳои тиб, маориф ва идоракунии давлатӣ донишкадаҳои махсуси такмили ихтисос амал мекунанд, барои кормандони соҳаи ҷангал чунин муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надорад. Курсҳои зарурии ҳатмӣ барои баланд бардоштани савияи дониши роҳбарони хоҷагиҳои ҷангал оид ба беҳтар намудани донишҳои идоракунӣ ва малакаи хоҷагидории хоҷагиҳои ҷангал вуҷуд надоранд, бояд дар назар дошт, ки Фонди давлатии ҷангал қариб 12% ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

100. Барои беҳтар намудани вазъият лозим аст:

а) таъмини шароитҳои муносиби иҷтимоӣ-майшии меҳнат тавассути баланд бардоштани музди меҳнат ва беҳтар намудани вазъи кормандони биноҳо, таъминот бо либоси махсус бо нишонаҳои бартарӣ ва воситаҳои махсуси техникӣ;

б) баланд бардоштани тахассуси кормандони соҳаи ҷангал тариқи таҳия ва гузаронидани барномаҳои омӯзиши ва курсҳо оиди татбиқи Барномаи баландбардории тахассус барои ҳар як ташкилот дар низоми Агентии хоҷагии қишлоқ;

в) таъсиси захираҳои кадрӣ бо роҳи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, сафарбар намудани донишҷӯён ба омӯзиши имтиёзнок дар мактабҳои олии давлатҳои ИДМ ва хориҷи дур, инчунин барқарор намудани Шӯъбаи омодакунии мутахассисони хоҷагии ҷангали гурӯҳи миёна дар колледжи техникии Душанбе.

101. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои қайдшуда дар низоми хоҷагии ҷангал ҳадди ақалл 80 хатмкунандагони техникумҳои ҷангал ва мактабҳои олии Ҷумҳурии Точикистон, давлатҳои ИДМ ва хориҷи дур кор хоҳанд кард. Шумораи умумии кормандони низоми хоҷагии ҷангали соҳиби маълумот аз рӯи ихтисос аз 20% то 40% зиёд мегардад.

### 4) Илм ва инноватсия дар хоҷагии ҷангал

102. Айни ҳол дар низоми хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии хоҷагии ҷангал фаъолият мебарад, ки аз рӯи самтҳои зерин тадқиқотҳои илмӣ мебарад:

- таҳияи усулҳои муосири парвариши маводи кӯчатии арчаи зарафшонӣ ва таҳияи технологияи бунёди ҷангалҳои арча;

- селексияи навъи тухмиҳои мағздор – писта ва чормағзи юнонӣ бо дарназардошти интихоби тухмиҳо аз дарахтони яккачини ҷангалзорҳои табиӣ (намунаҳои беҳтарин), дарахтони ҳосилнокиашон баланд бо меваи навъаш аъло, дарахтони ба касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон тобовар;
- мониторинги олами ҳайвонот, хусусан ҳайвоноти нодир, дар мамнӯъгоҳи “Бешаи Палангон” ва “Ромит”, гузаронидани бақайдгирии назоратии шумораи ҳайвонот, баҳодиҳии ҳолати муҳити зисти онҳо ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба барқарорсозии саршумори намудҳои нодири ҳайвонот, оид ба беҳдошти муҳити зисти ҳайвонот бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои биотехникӣ;
- омӯзиши биологияи ҳашаротҳои зараррасони асосии ҷангал ва дарахтони мевадиҳанда ва таҳияи пешниҳодҳо оиди мубориза бар зидди онҳо;

103. Ба ғайр аз ин, корҳои селексионӣ оиди омӯзиши навъҳои аълои дарёфтгардидаи хуч, чормағз ва писта пеш бурда мешаванд, ки ба касалиҳо ва ҳашаротҳои зарарасон тобовар буда, дорои сифати аълои мева ва ҳосилнокии мунтазами баланд мебошанд.

104. То ин давра аз тарафи Пажуҳишгоҳ ба навъсанҷӣ се навъи писта, як навъи чормағзи юнонӣ ва хуч, ки дар маҳал мутобиқ кунонида шуда, барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудан тавсия дода шудаанд, пешниҳод гардида аз тарафи Шабакаҳои давлатии навъсанҷӣ тасдиқ карда шудаанд.

105. Бинобар маблағгузории маҳдуд ва пойгоҳи моддиву техникии нокифоя, Пажӯҳишгоҳи илми-тадқиқотии ҷангал имконияти васеъ гардонидани ҳаҷми корҳои илмӣ-тадқиқотиро надорад. Давоми ду даҳсолаи соли охир коллексияи навъҳои аълои чормағз (пекан, чормағзи юнонии қадпасти пешпазак), ангат ва дигар намудҳо, ки дар минтақаи таҷрибавии “Навобод” баҳри омӯзиш парвариш меёфтанд, аз байн рафтанд. Стансияҳои биологии назди Пажӯҳишгоҳ оиди истифодаи усулҳои биологии мубориза бар зидди ҳашаротҳои зарарасон, кайҳо аз байн рафтааст.

106. То имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷроиши корҳои истеҳсолии хоҷагии ҷангал бо технологияи пешинаи даврони шуравӣ иҷро мегардад. Технологияҳои иноватсионӣ бо сабабҳои набудани маблағгузории дахлдор ва имконияти маҳдуди омӯзиши таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ дастнорас мебошанд.

107. Барои беҳдошти вазъият зарур аст:

а) фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои гузаронидани корҳои илмӣ дар соҳаи ҷангал бо роҳи мустаҳкам кардани пойгоҳи моддӣ-техникии ПИТ хоҷагии ҷангал ва ба роҳ мондани робита ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимии дигар кишварҳо;

б) гузаронидани корҳои илмӣ дар самтҳои афзалиятнок.

108. Дар натиҷаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда ҳамкории ПИТ хоҷагии ҷангал ҳадди ақалл бо пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии дигар кишварҳо ба роҳ монда мешавад ва 10 тавсияи илмӣ аз рӯи самтҳои афзалиятнок таҳия гардидааст.

## 6. НИЗОМИ ХОТИМАВӢ

### 1) Мӯҳлати иҷроиши Стратегия

109. Стратегияи мазкур дар 3 давра дар асоси тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нақша-чорабиниҳо барои иҷроиши Стратегияи рушди хоҷагии ҷангал амалӣ мегардад.

| № | Давра | Мӯҳлат/сол | Чорабиниҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Давраи якум | 2016-2020 | Нақшаи чорабиниҳо барои давраи аввали иҷроиши Стратегия замима мегардад |
| 2 | Давраи дуюм | 2020-2025 | Нақшаи чорабиниҳо барои давраи дуюм дар соли 2019 таҳия ва қабул хоҳад шуд. |
| 3 | Давраи сеюм | 2025-2030 | Нақшаи чорабиниҳо барои давраи сеюм дар соли 2024 таҳия ва қабул хоҳад шуд. |

### 2) Принсипҳо ва механизмҳои иҷроиши Стратегия

110. Татбиқи стратегия дар усулҳои шафофият, маълумотдиҳии кушоду равшан ва васеъ, ҷалби ҳамаи тарафҳо дар раванди иҷроиши стратегия, суръати муносиби ҷорӣ намудани усулҳои иноватсионӣ, ки дар миқёси васеъ гузаронидани ислоҳотро дар асоси хулосаҳои санҷишӣ-нишонавӣ пешбинӣ менамояд, сарчашма мегирад.

111. Маблағгузории чорабиниҳои Стратегия давра ба давра аз ҳисоби маблағҳои буҷавии вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар сарчашмаҳои ғайрибуҷавӣ амалӣ мегардад. Ҳаҷми маблағгузории Стратегияи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Нақша чорабиниҳо ва Нақшаи маблағгузории иҷроиши Стратегияи мазкур муайян мегардад.

112. Таъсиси Шӯрои миллии назоратӣ дар назди Раёсати хоҷагии қишлоқ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор, аз он ҷумла Кумитаи кор бо ҷавонон, Кумитаи кор бо занон ва оила, бо ҷалби ҷамъияти шаҳрвандӣ ва коршиносон оид ба масъалаҳои гендер, ки ҳамасола ҳисоботи омоданамудаи Агентии хоҷагии ҷангалро оиди иҷроиши бандҳои Стратегия ва Нақша чорабиниҳо шунида, тавсияҳоро оиди татбиқи минбаъдаи стратегия тартиб медиҳанд, ба нақша гирифта шудааст.

113. Инчунин таъсиси Шӯрои назоратӣ дар сатҳи маҳаллӣ бо ҷалби намояндаҳои мақомотҳои давлатии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва коршиносон оиди масъалаҳои гендер ба нақша гирифта шудааст.

114. Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дархости маблағгузории буҷавии Стратегияро омода намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Дархост барои маблағгузории Стратегия на дертар аз 10 август пешниҳод мегардад. Лоиҳаи дархости молиявӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта мешавад.

115. Дар ҳолатҳое, ки мақсад, вазифаҳо ва чорабиниҳои дар Стратегияи мазкур қайдгардида ба мақсадҳо, вазифаҳо ва чорабиниҳои ташкилотҳои байналхалқӣ мувофиқ меоянд, онҳо метавонанд татбиқи Стратегияро мувофиқи имкониятҳои молиявии худ маблағгузорӣ намоянд.

116. Мониторинг ва ҳамоҳангсозии ҷараёни татбиқи Стратегия аз ҷониби Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

117. Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҳамасоларо оиди рафти иҷроиши Стратегия ва сарфи маблағҳои буҷавӣ омода намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ҳисоботи мазкур дар сомонаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода мешавад.